«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
Хушвахтзода Қ.Х.
______________________
«13» ______________с. 2023

# ХУЛОСАИ
## ҷаласаи муштараки кафедраҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

оид ба мубрамият ва аҳамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Шерализода Ҷомӣ Шералӣ дар мавзуи «Ислоҳоти конститутсионӣ дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ - конститутсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Шерализода Ҷомӣ Шералӣ дар мавзуи «Ислоҳоти конститутсионӣ дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ - конститутсионӣ» дар кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ муҳокима гардида, дар асоси суратмаҷлиси №6 аз 24-уми декабри соли 2022 ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

Шерализода Ҷомӣ Шералӣ соли 2011 ба факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил гардида, соли 2016 факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси ҳуқуқшиносӣ хатм намудааст.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Шерализода Ҷомӣ Шералӣ аз соли 2017 то соли 2020 (Фармоиш дар бораи қабул аз 04.01.2017.,№ 01-05) унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ санаи 16-уми сентябри соли 2020 дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ ба талаботи манзурнамудаи банди 17-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**Роҳбари илмӣ** – Диноршоҳ Азиз Мусо, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини аввал, муовини директори иҷроия оид ба илм, инноватсия ва муносибатҳои байналмилалии филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Тағйиротҳои сифатноке, ки баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, хусусан дар даҳсолаи охир дар

ҳаёти ҷамъиятӣ – сиёсии Тоҷикистон ба вуқуъ пайвастанд, таҳлили ҳаматарафа ва илман асоснокро талаб менамоянд. Махсусан, ин таҳаввулот ба масъалаҳои асосии ташаккули давлатдории муосири Тоҷикистон дахл доранд. Дар тӯли си соли охир бо ташаккул додани асосҳои нави сохтори давлат, ҳокимияти давлатӣ, худидораи маҳаллӣ, амалишавии ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ ва ғайра дар рушди давлатдории Тоҷикистон тағйироти куллӣ ба амал омаданд.

Марҳилаи муҳим, ки ба солҳои 1991-1994 рост меояд, як қатор масъалаҳо оид ба бунёди давлатдории навини тоҷиконро дар бар мегирад, ки ҳалли онҳо бо гузаронидани ислоҳоти конститутсионӣ вобастагии амиқ дошта ба онҳо омодасозии Конститутсияи нав, бунёди низоми нави ҳокимияти давлатӣ дар асоси таҷзияи он, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ба роҳ мондани иқтисодиёти бозоргонӣ ва фаъолияти озоди соҳибкорӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ яке вазифаҳои асосии дар назди давлат гузошта шуда қабули ҳуҷҷати олии сиёсӣ яъне Конститутсияи кишвар буд, ки бояд танзимкунандаи муносибатҳои асосии ҳаёти ҷамъиятӣ гардад ва зарур шуморида мешуд, ки ҳар чи зудтар лоиҳаи он омода карда шавад ва барои қабул пешниҳод гардад.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур муаллиф бо дарназардошти маводи илмӣ, таҳлили мафҳум ва моҳияти ислоҳоти конститутсионӣ, ғояҳои илмӣ ва принсипҳои ҳуқуқии ислоҳоти конститутсионӣ ва марҳилаҳои онро кӯшиш кардааст, ки дар доираи таҳқиқоти анҷомпазируфта ташаккули асосҳои сохтори конститутсионӣ, вазъи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва ташаккули фаъолияти мақомотҳои давлатиро мавриди пажӯҳиш қарор додааст. Андешаҳое, ки зимни таҳқиқот иброз гардидаанд, ҳақиқати ниҳоии бебаҳс набуда, назари инфиродии муҳаққиқ мебошанд, ки бо далел асоснок карда шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он ифода меёбад, ки ин диссертатсия дар илми ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ аввалин ва ягона кори илмӣ дар омӯзиши масоили марбут ба падидаи ислоҳоти конститутсиой дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар кори диссертатсионӣ масъалаи мафҳум ва моҳияти ислоҳоти конститутсионӣ, ғояҳои илмӣ ва принсипҳои ҳуқуқии гузаронидани ислоҳоти конститутсионӣ ва марҳилаҳои ислоҳоти конститутсиониро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амиқ таҳлил гардида, шарҳи муаллифии масоили мансуб ба хусусиятҳои хоси ислоҳоти конститутсионӣ мавқеи он асоснок ва пешниҳод карда шудааст.

Ҳамзамон, навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст кӯшиши муайян намудани ҷанбаҳои ҳуқуқии ташаккули падидаҳои конститутсионӣ дар заминаи ислоҳоти конститутсионии гузаронидашуда аз нигоҳи илми ҳуқуқи конституситонӣ мавриди баррасии қарор дода шуд. Пас аз анҷоми таҳқиқоти назариявӣ

дар самти ташаккули асосҳои сохтори конститутсионии кишвар, инчунин ташаккули ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва дар заминаи ислоҳотҳои конститутсионии гузаронидашуда инкишофи фаъолияти мақомотҳои давлатии мамлакат як қатор хулоса ва пешниҳодҳо бо мақсади устувор намудани мавқеъ ва нақши онҳо дар ҷомеа иброз гардидаанд.

Нуктаҳои асосии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, навгонии рисолаи илмӣ ва ҳалли вазифаҳои гузошташударо инъикос менамоянд.

**Мақсади таҳқиқот**. Мақсади тадқиқоти мазкур гузаронидани таҳқиқи назариявӣ ва ҳуқуқӣ-конститусионӣ доир ба маҳфум ва моҳияти ислоҳоти конститутсионӣ, муайян намудани ғояҳои илмӣ ва принсипҳои ҳуқуқии ислоҳоти конститутсионӣ, марҳила ва тартиби амалишавии ҷараёни ислоҳоти конститутсионӣ, раванди гузарондани ислоҳоти конститутсионии падидаҳои асосии давлатдории Тоҷикистон, такмили минбаъда ва инъикоси он дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузорӣ мебошад. Дар рафти баррасии мавзуи мазкур як қатор андешаҳои судманд бобати ворид намудани тағйирот ба қонунгузории миллӣ оид ба мукаммал намудани сохтори давлатдории миллӣ, вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, ташкил ва фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ пешниҳод шудааст, иборат мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба мақсадҳои дар таҳқиқот гузошташуда иҷрои вазифаҳои зерин зарур мебошад:

1) гузаронидани таҳқиқот оид ба мафҳум ва моҳияти ислоҳоти конститутсионӣ ҳамчун падидаи ҳуқуқи конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2) муайян намудани ғояҳои илмӣ ва принсипҳои ҳуқуқии ислоҳоти конститутсионӣ;

3) таҳлил намудани марҳилаҳои асосии ислоҳоти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

4) таҳқиқи масоили ташаккули асосҳои сохтори конститутсионӣ ва омилҳои рушди минбаъдаи он;

5) таҳлил намудани ҳолати кунунии вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд дар заминаи ислоҳоти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

6) манзур намудани таклифу пешниҳодҳо ҷиҳати такмил додани фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи ислоҳотҳои конститутсионии гузаронидашуда.

Хулоса ва тавсияҳои илмии дар диссертатсия матраҳгардида бо истифода аз ақидаҳо ва мафҳумҳои пазируфташудаи илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба падидаи ислоҳоти конститутсионӣ исбот карда шудаанд. Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз сатҳи навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ дарак медиҳанд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ кори илмии анҷомёфта буда, дар он вазифаҳои гузошташуда пурра ҳалли худро ёфтаанд.

Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 21 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 7 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 14 мақола дар нашрияҳои дигар бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ба табъ расонидааст. Интишороти муаллиф мазмун ва моҳияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос намуда, таҳлили онҳо дар қисми хулоса ва тавсияҳои диссертатсия ҷой дода шудаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳангоми муҳокимаи рисола дар ҷаласаҳои кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон озмуда шудаанд ва дар конференсияҳои ҳарсолаи анъанавии ҳайати профессорону омӯзгорони факултети ҳуқуқшиносӣ, дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ироа гардидаанд, муаллиф дар онҳо бо маъруза баромад кардааст. Муқарроти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар мақолаҳои муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маҷаллаву маҷмӯаҳо ба нашр расидаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои зерин ба тариқи маърӯза аз ҷониби муаллифи рисола пешниҳод гардидаанд:

–Конференсияи VI байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Масъалаҳои мубрами ҳуқуқшиносӣ» дар мавзуи «Ислоҳотҳои конститутсионӣ ва таъсири онҳо ба ташаккули падидаи президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» – Душанбе, 2019;

–Конференсияи VI байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Ҳуқуқи инсон: мушкилот, роҳи ҳал ва дурнамо» дар мавзуи «Ислоҳоти конститутсионӣ дар рушди ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» – Душанбе, 2019;

–Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ таҳти унвони «Ҳуқуқи инсон: дирӯз ва имрӯз». дар мавзӯи «Ислоҳоти конститутсионӣ дар заминаи тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи ҶТ» – Душанбе, 2022.;

–Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ таҳти унвони «Ҳуқуқи инсон дар раванди ҷаҳонишавӣ» дар мавзуи «Такмили меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи тағйиру иловаҳои соли 2016» – Душанбе, 2021;

–Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ таҳти унвони «Нақши Конститутсия дар амалишавии ҳадафҳои стратегии давлат» дар мавзуи «Ислоҳоти конститутсионӣ дар заминаи тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2016» – Душанбе, 2022:

Маврид ба тазаккур аст, ки нуктаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалие, ки аз ҷониби унвонҷӯ дар рисола манзур карда шудаанд, метавонанд дар таҳияву таҷдиди қонунгузорӣ саҳмгузор бошанд. Инчунин, натиҷаҳои рисоларо метавон дар таълими фанҳои «Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мамлакатҳои хориҷӣ», «Ҳуқуқи парлумонии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон», ҳангоми навиштани рисолаҳои хатм, рисолаҳои магистрӣ ва диссертатсионӣ истифода бурд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Муаллиф дар таҳқиқи рисола чунин муайян карда мешавад: якум, натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла навгониҳои назариявӣ, хулосаҳо, нуктаҳои асосие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд, тавсияҳои амалии рисола аз ҷониби муаллиф шахсан ба даст оварда шудаанд; дуюм, саҳми шахсии муаллиф дар пешниҳоди навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, ҳалли мушкилоти мубрами падидаи ислоҳоти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ифода меёбад. Тавсияҳои муаллиф оид ба боз ҳам беҳтар намудани падидаҳои ҳуқуқи конститутсионӣ  аз қабили асосҳои сохтори конститутсионӣ, вазъи ҳуқуқу озодиҳои инсонва шаҳрванд ва такмили фаъолияти мақомотҳои давлатӣ  низ саҳми муҳим доранд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми сентябри соли 2021, таҳти №7 тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Шерализода Ҷомӣ Шералӣ дар мавзуи «Ислоҳоти конститутсионӣ дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ - конститутсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, аз тарафи муаллиф мустақилона таълиф гардида, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷа ва нуктаҳои нави илмӣ мебошад ва саҳми шахсии муаллифро дар соҳаи илм нишон медиҳад.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Шерализода Ҷомӣ  Шералӣ дар мавзуи «Ислоҳоти конститутсионӣ дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ - конститутсионӣ» таҳқиқоти илмӣ-соҳавӣ ба ҳисоб рафта, ба талаботи пешбинигардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Шерализода Ҷомӣ  Шералӣ дар мавзуи «Ислоҳоти конститутсионӣ дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ - конститутсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 тавсия карда шавад.

Хулоса дар маҷлиси муштараки кафедраҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, назария ва таърихи давлат ва

ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар маҷлис иштирок доштанд: 14 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 14 нафар, «зид» – 0 нафар, «бетараф» – 0 нафар, суратмаҷлиси ҷаласаи муштараки кафедраҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (таъиноти декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ аз 27 январи соли 2023, таҳти №349) аз 11-уми феврали соли 2023.

**Раиси маҷлиси муштарак:**
декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қурбонализода Н.Ш.

**Котиби маҷлиси муштарак:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
муаллими калони кафедраи
ҳуқуқи конститутсионии
факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Наимов Б.Ғ.

**Муқаррризи №1:**
дотсенти кафедраи назария
ва таърихи давлатва ҳуқуқи
факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Куканов А.З.

**Муқаррризи №2:**
дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва
ҳуқуқшиносии муқоисавии
Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Олимзода Д.А.

**Имзоҳоро тасдиқ мекунам:**
**Сардори РК ва КМ ДМТ** Тавқиев Э.Ш.
**«11» 02 2023 с.**

**Имзои Олимзода Д.А. -ро тасдиқ мекунам:** Ҳомидов Ш.Б.
**Сардори РК ва КМ Академияи**
**идоракунии давлатии**
**назди Президенти Ҷумҳурии**
**Тоҷикистон**
**«11» 02 2023 с.**